# ТАҚРИЗИ

**роҳбари илмӣ дар бораи диссертатсияи Юсупов Шоҳин Раҳимбердиевич таҳти унвони "Хусусиятҳои морфологии "Ҷомеъ-ут-таворих", ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯи ихтисос, аз рӯи ихтисоси 6D020500 – Филология (6D020502. – забони тоҷикӣ)**

Омӯзиши ташаккул ва таҳаввули забони тоҷикӣ, махсусан, шакли адабии он яке аз масъалаҳои мубрами забоншиносии муосири тоҷик ба ҳисоб меравад. Дар ин росто таҳқиқи забонии асарҳои хаттии бозмондаи мансуб ба давраҳои гуногуни инкишофи забон аз ҳар ҷиҳат манфиатбахш мебошад.

"Ҷомеъ-ут-таворих"-и Рашидуддин Фазлуллоҳи Ҳамадонӣ яке аз осори арзишмандест, ки бо забони адабии тоҷикӣ дар охири садаи XIII ва ибтидои садаи XIV таълиф гардидааст.

Давраи таълифи асари мазкур дар таърихи забони адабии тоҷик ҷойгоҳи хосса дорад, зеро дар ин давра сабки нигоришоти адабиёти илмӣ таҳти омилҳои мухталифи сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ таҳаввул ёфта, аз услуби забони адабии форсии дарии оғозин то андозае тафовут пайдо карда, дорои вежагиҳои хосе мегардад, ки дар инкишофи забони адабии форсии дарии пасин таъсири амиқе бар ҷой гузоштааст. Бинобар ин, таҳқиқи осори хаттии ин даврон, ки "Ҷомеъ-ут-таворих" намунаи барҷастаи ин аст, дар забоншиносии тоҷик аҳамияти бузурги илмиро касб мекунад.

Ҳарчанд таҳқиқи забони осори хаттӣ дар забоншиносии тоҷик аз миёнаҳои садаи XX оғоз ёфта бошад ҳам, аммо то кунун хусусиятҳои морфологии "Ҷомеъ-ут-таворих"-и Рашидуддин Фазлуллоҳи Ҳамадонӣ мавриди пажӯҳиш қарор нагирифта буд. Диссертатсияи Юсупов Шоҳин Раҳимбердиевич бори нахуст дар забоншиносии тоҷик ба таҳқиқи хусусиёти сарфии "Ҷомеъ-ут-таворих" бахшида шудааст. Дар кори илмии докторант (PhD) вижагиҳои сарфии ҳиссаҳои нутқ дар асоси матни "Ҷомеъ-ут-таворих" бар пояи усули синхронӣ, диахронӣ, муқоисавӣ-таърихӣ ва таҳлили грамматикӣ таҳқиқ гардидаанд.

Юсупов Шоҳин дар назди худ мақсад гузоштааст, ки хусусиятҳои сарфии забони “Ҷомеъ-ут-таворих”-ро таҳқиқ намуда, вижагиҳои услуби муаллиф ва вазъи амалкарди забони адабии тоҷикиро дар ин марҳилаи инкишофи забони тоҷикӣ нишон диҳад. Бо талоши расидан ба мақсад ва вазифаҳои таҳқиқ докторант (PhD) бар мабнои маводи фаровони забонӣ таҳлили хусусиятҳои сарфии забони асарро анҷом дода, дар асоси он хусусиятҳои сарфии ҳиссаҳои нутқро мавриди баррасӣ қарор додааст.

Диссертатсия аз муқаддима, се боб, даҳ фасл, хулоса ва феҳристи осор ва манобеъ иборат аст. Масоили мансуби бобҳо дар фаслҳои дохили онҳо баррасӣ гардида, дар хотимаи ҳар боб бо хулосаҳои мухтасар натиҷагирӣ шудааст.

Дар муқаддимаи диссертатсия мубрамӣ ва зарурати баргузории таҳқиқот, дараҷаи таҳқиқ, мақсаду вазифаҳои таҳқиқот, навгонии илмии диссертатсия, аҳамияти назариявию амалии таҳқиқот, методология ва методҳои таҳқиқот, усулҳои таҳқиқот, моҳияти илмию назариявии таҳқиқот, моҳияти амалии таҳқиқот, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, коркарди мавзӯъ, ҳаҷм ва сохтори диссертатсия мушаххасан шарҳ ёфтаанд.

Боби аввали диссертатсия “Хусусиятҳои морфологии ҳиссаҳои номӣ” унвон гирифта, категорияҳои ҳиссаҳои номиро дар асоси матни “Ҷомеъ-ут-таворих” мавриди баррасӣ қарор додааст.

Боби дуюми диссертатсия “Хусусиятҳои морфологии феъл ва зарф” ном дошта, ба ғайр аз хусусиятҳои морфологии феъл ва зарф, ҳамчунин, хусусиятҳои корбурди навъҳои сохтории феълро дар асар мавриди таҳқиқ қарор додааст.

Дар боби сеюми рисола хусусиятҳои морфологии ҳиссаҳои ёвар таҳти пажӯҳиш қарор гирифтааст, ки дар онҳо вежагиҳои корбурди ин ҳиссаҳои нутқ дар асари таҳқиқшаванда ба доираи баҳси илмӣ кашида шудааст, дар охири диссертатсия бар пояи таҳқиқоти анҷомёфта хулосаҳои унвонҷӯ оварда шудааст.

Мазмуну муҳтавои диссертатсия ифодакунандаи он аст, ки муаллиф ба ҳадафу вазифаҳои дар пеш гузоштааш дастёб шудааст.

Унвонҷӯ то ин вақт дар робита ба мавзӯи пажӯҳишии диссертатсия нуҳ мақолаи илмӣ нашр намудааст, ки панҷтои он дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати маориф ва илми Федератсияи Русия ба табъ расидаанд.

Рисолаи тақризшаванда гувоҳи он аст, ки докторант (PhD) соҳиби қобилияти хуби анҷом додани корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ мебошад.

Кори илмии Юсупов Ш. Р. рисолаи илмии анҷомёфта буда, ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба рисолаҳои дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯи ихтисос, аз рӯи ихтисоси 6D020500 – Филология (6D020502 – забони тоҷикӣ) ҷавобгӯ мебошад. Нуктаҳои фавқуззикр имкон медиҳанд, то диссертатсияи Юсупов Шоҳин Раҳимбердиевич ба ҳимоя пешниҳод гардад.

E-mail: aziz_mirboboev@mail.ru

Тел: +992935846542

Роҳбари илмӣ, номзади илмҳои филологӣ,
мудири кафедраи назария ва амалияи забоншиносии
ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ Мирбобоев Азизхон

21.09.2018

Имзои Мирбобоев Азизхонро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ Назаров Давлатхон